5112 - Оё барои бартараф кардани ғаму андӯҳ ягон дуое вуҷуд дорад?

савол

Оё барои бартараф кардани ғаму андӯҳ ягон дуое вуҷуд дорад?

Ҷавоби муфассал

Дар "Саҳиҳ"-и Бухорӣ ва "Саҳиҳ"-и Муслим аз Ибни Аббос ривоят шудааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳангоми ғамгинӣ мегуфт:

لا إِلَهَ إِلَّا اللّهُ العَظِيمُ الحَلِيمُ، لا إِلَهَ إِلَّا اللّهُ رَبُّ العَرْشِ العَظِيمِ، لا إِلَهَ إِلَّا اللّهُ رَبُّ السَّمَوَاتِ ورَبُّ الأَرْضِ، ورَبُّ العَرْشِ الكَرِيمِ

"Ло илоҳа иллаллоҳу-л-ъазиму-л-ҳалим, ло илоҳа иллаллоҳу раббу-л-ъарши-л-ъазим, ло илоҳа иллаллоҳу раббу-с-самовоти ва раббу-л-арзи ва раббу-л-ъарши-л-карим".

(Ҳеҷ маъбуди барҳақ нест, магар Аллоҳи бузурги бурдбор. Ҳеҷ маъбуди барҳақ нест, магар Аллоҳ, ки Парвардигори Арши бузург аст. Ҳеҷ маъбуди барҳақ нест, магар Аллоҳ, ки Парвардигори осмонҳо, Парвардигори замин ва Парвардигори Арши гиромист).

Аз Анас (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят аст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳангоме ки чизе ӯро ғамгин месохт, мегуфт:

يَا حَيُّ يَا قَيُّومُ بِرَحْمَتِكَ أَسْتَغِيثُ

"Ё ҳайю ё қайюм, бираҳматика астағис".

(Эй зиндаву тадбиркунанда, ба раҳматат аз Ту мадад мехоҳам).

Аз Асмо бинти Умайс (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят шудааст, ки мегӯяд: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба ман гуфт: **«Оё ба ту баъзе калимаҳоеро таълим надиҳам, ки ҳангоми ғамгинӣ бигӯй?»**

اللهُ اللهُ ربّي لَا أُشْرِكُ بِهِ شيئًا

"Аллоҳ, Аллоҳу раббӣ ло ушрику биҳи шайъан".

(Аллоҳ, Аллоҳ Парвардигори ман аст ва ҳеҷ чизеро шарики Ӯ қарор намедиҳам).

Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят аст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: Ҳар гоҳ ба бандае ғаму андӯҳе бирасад ва ӯ бигӯяд:

اللَّهُمَّ إِنِّي عَبْدُكَ، وابْنُ عَبْدِكَ، وابْنُ أَمَتِكَ، نَاصِيَتِي بِيَدِكَ، مَاضٍ فِيَّ حُكْمُكَ، عَدْلٌ فِيَّ قَضَاؤُكَ، أَسْأَلُكَ بِكُلِّ اسْمٍ هُوَ لَكَ، سَمَّيْتَ بِهِ نَفْسَكَ، أَوْ أَنْزَلْتَهُ فِي كِتَابِكَ، أَوْ عَلَّمْتَهُ أَحَداً مِنْ خَلْقِكَ، أَوِ اسْتَأْثَرْتَ بِهِ فِي عِلْمِ الغَيْبِ عِنْدَكَ، أَنْ تَجْعَلَ القُرْآنَ رَبِيعَ قَلْبِي، وَنُورَ صَدْرِي، وَجَلاَءَ حُزْنِي، وَذَهَابَ هَمِّي .

"Аллоҳумма иннӣ ъабдука вабну ъабдика вабну аматика, носиятӣ биядика мозин фийя ҳукмука, ъадлун фийя қазоук. Асъалука бикуллисмин ҳува лака, саммайта биҳи нафсака ав анзалтаҳу фӣ китобика ав ъалламтаҳу аҳадан мин халқика авистаъсарта биҳи фӣ ъилми-л-ғайби ъиндака ан таҷъала-л-қуръона рабиъа қалбӣ ва нура садрӣ ва ҷалоа ҳузнӣ ва заҳоба ҳаммӣ".

(Эй Аллоҳ! Ман бандаи Ту, фарзанди бандаву канизи Ту ҳастам, пешониам дар дасти Туст. Фармони Ту дар ҳаққи ман ҷорист ва ҳукми Ту дар ҳаққи ман адолат аст. Ман ба василаи ҳар номе, ки аз они Туст, ки худро бо он номгузорӣ кардай ва ё дар китобат нозил кардай ва ё ба яке аз бандагонат омӯхтай ва ё дар илми ғайб назди Худат баргузидай, аз Ту талаб менамоям, ки Қуръонро баҳори қалбам, нури синаам ва бартарафкунандаи ғаму андӯҳам бигардонӣ).

Аллоҳ ғаму андӯҳи ӯро дур мекунад ва ба ҷои онҳо кушоишеро насиб мегардонад.

Китоби "Ал-Калиму-т-таййиб"-и Шайхулислом Ибни Таймия, таҳқиқи Шайх Албонӣ, саҳ 72.